**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Ҳасанзода Шаҳноза Музафар дар мавзуи «Таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Ҳасанзода Шаҳноза Музафар дар мавзуи «Таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос пешниҳод шудааст, мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат), ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад. Диссертатсияи тақризшаванда дар доираи барномаи панҷсолаи шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023 дар мавзуи «Масъалаҳои татбиқи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия шудааст.

Мавзуи диссертатсия ба сархати 9 Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2020, № 503 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Диссертатсия ва масъалаҳои дар доираи он баррасишуда аз нигоҳи умумии назариявӣ ва амалӣ, дар замони муборизаҳои геосиёсии давлатҳои абарқудрат барои ҳар як давлати муосир, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳиманд. Мавзуи мазкур ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ, яъне таъсири ҳуқуқи байналмилалии муосир ба низоми ҳуқуқии давлатҳои мустақил ва омилҳое, ки низоми ҳуқуқи дохилидавлатиро тағйир медиҳанд, бахшида шуда, дар он заминаҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ

қарор дода шудаанд. Бояд қайд кард, ки бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ ва ҳуқуқбунёд бе таъмини тавозуни одилонаи риояи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва манфиатҳои миллие, ки дар ҳуқуқи давлатӣ шакли юридикиро мегиранд, ғайриимконпазир мебошад. Зеро дар замони муосир, аз як тараф Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун аъзои комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд ба арзишҳои умумибашарӣ рӯ орад, аз дигар тараф ҳифзи манфиатҳои миллӣ, арзишҳои фарҳангиву таърихӣ ва тамаддунӣ дар назди давлат вазифаи рушди қонунгузории дохилидавлатиро мегузорад. Аз ин рӯ, омӯхтани омилҳои таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқии кишвар зарур ва саривақт мебошад. Аз ин нукта, диссертатсияи Ҳасанзода Шаҳноза Музафар дар мавзуи «Таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ» ҳам аз нигоҳи назарияи илми ҳуқуқшиносӣ, ҳам аз нигоҳи амалияи ҳуқуқӣ мубрам мебошад.

Ҳамчунин, тазаккур бояд дод, ки масъалаи таъсири ҳуқуқи байналмилалии муосир ба низоми ҳуқуқии давлат аз нигоҳи илми назарияи давлат ва ҳуқуқ мавриди таҳлил ва таҳқиқи амиқи илмӣ қарор нагирифтааст. Таҳқиқоти диссертатсионии Ш.М. Ҳасанзода дар мавзуи болозикр бори аввал дар илми назарияи давлат ва ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон пажуҳиши ҳамаҷониба шудааст. Муаллиф норасоиҳо, холигиҳо ва мушкилот дар самти мазкурро муайян намуда, бобати рушди ҳуқуқи дохилидавлатӣ бо назардошти самтҳои рушди ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҷомеаи ҷаҳонӣ андешаҳои асосноки илмиро таҳия ва пешниҳод кардааст. Бартарии бешубҳаи асар дар он аст, ки он дар заминаи назариявӣ ва амалӣ навишта шудааст, ки ин махсусан ҳангоми таҳқиқи мавзӯъҳои ин гуна мавзуъ муҳим аст.

Нақшаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ва сохтори таркибии он маҷмуи саволҳоро дар бар мегирад, ки барои ҳалли масъалаи мавриди омӯзиш заруранд. Муаллиф тавонистааст, ки дар доираи се боб ва ҳашт зербоб моҳияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро пурра муҳокима ва ошкор намояд.

Диссертатсияи мазкур аз се боб иборат буда, дар он масъалаҳои умуминазариявӣ, ҳолати кунунӣ ва дурнамои таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқии кишвар мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Боби аввал – «Асосҳои умуминазариявии таъсири мутақобилаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ» аз чор зербоб иборат мебошад. Боби мазкур ба омӯзиши асосҳои умумии назариявии консепсияҳои мавҷудаи таъсири мутақобилаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ

(с. 19-42), таъсири мутақобилаи сарчашмаҳо, субъектҳо ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ, инчунин таносуб ва фарқияти байни онҳо, умумият ва хусусияти онҳо бахшида шудааст (с. 42-57, 57-73, 73-88).

Боби дуюм – «Масоили татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном дошта, аз ду зербоб иборат буда, дар онҳо шаклҳои татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва масъалаҳои татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ дар муносибатҳои дохилидавлатӣ таҳлил карда шудаанд (с. 89-122).

Боби сеюм – «Ҳолати кунунӣ ва дурнамои таъсири мутақобилаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном гирифта, фарогирандаи ду зербоб буда, дар онҳо сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалӣ, инчунин механимзҳои такмили равобити ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд (с. 123-155).

Диссертатсия бо хулосабарории назариявӣ ва тавсияҳои диссертант оид ба истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар амалия ба анҷом мерасад. Бояд қайд кард, тавсияҳои амалии диссертасионӣ ҷолиби диққат мебошанд ва бисёр норасиҳоро дар низоми қонунгузорӣ ва амалия метавонанд пурра намоянд (с. 162-165).

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Нававарии илмиро интихоби мавзуъ, равиши таҳлили он бо назардошти баррасии масъалаҳои баҳсталаб муайян мекунад.

Дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ бори нахуст масъалаҳои назариявии равобити ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ, таъсири мутақобилаи институтҳои асосии онҳо, ба монанди сарчашмаҳо, субъект, принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ, инчунин, сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти равобити мутақобилаи ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ, татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ дар муносибатҳои дохилидавлатӣ ва роҳҳои такмили механизмҳои равобити ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ дар Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ бори аввал дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, проблемаҳои қонунгузорӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии

маводи илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он дарак медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст.

Мундариҷаи кори илмӣ аз он дарак медиҳад, ки муаллиф тавонистааст миқдори зиёди маводи илмиро дар мавзуъ таҳлил кунад, ки ин ҳадафи асосиашро ташкил медиҳад. Боиси таваҷҷуҳ аст, ки муаллиф бо ин мақсад на танҳо асосҳои назариявӣ ва амалии таъсири ҳуқуқи байналмилалиро ба низоми ҳуқуқии кишвар баррасӣ намудааст, балки заминаҳои пешгирии таъсири манфии раванди ҷоҳонишавиро, ки бо ҳуқуқи байналмилалӣ рӯйпӯш карда шудааст низ таҳлил кардааст (с. 136-155), ки барои таҳкими ҳуқуқи дохилидавлатӣ мусоидат менамояд ва ҳамбастагии ин ду низоми ҳуқуқиро инъикос мекунад.

Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқот, ки дар шакли нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаҳои илмӣ манзур гардидаанд, башорат аз навгонӣ ва сатҳи амиқи таҳқиқот медиҳанд, ки ҳамагӣ баҳри рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ, махсусан ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати санадҳои қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия ва мақомоти ҳуқуқтатбиқкунӣ, назаррас мебошанд.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Хулоса ва пешниҳодҳо оид ба диссертатсия бешубҳа арзиши илмӣ дошта, муаллиф мақсад ва вазифаҳои дар назди худ гузоштаро ба таври комплексӣ бо дарназардошти вазъи имрӯзи рушди низоми қонунгузории ҷумҳурӣ ҳақиқатнигорона дар доираи манфиати давлати миллӣ ва рушди фаъолияти қонунгузории касбӣ баррасӣ намудааст. Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки дар он таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаи равобити мутақобилаи ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ дар Тоҷикистон гузаронида шудааст, ки дар бораи механизмҳо ва самтҳои равобити байни онҳо, татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасаввуроти томро медиҳад. Натиҷаҳои таҳқиқот уфуқҳои навро барои омӯзиши чунин падидаи ҳуқуқӣ, ба мисли консепсияҳои мавҷудаи равобити ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ, субъекти онҳо, сарчашмаҳо ва принсипҳо кашф намояд ва аз ҷиҳати амалӣ бошад, хулосаҳои диссертатсия метавонанд ба рушди минбаъдаи он мусоидат карда, фаъолияти татбиқи ҳуқуқи байналмилалиро дар ҳудуди Тоҷикистон дар шароити бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ беҳтар кунанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ имкон медиҳанд, ки мушкилоти мавҷудаи назариявӣ ва амалии равобити мутақобилаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ рабтдошта, тавзеҳ дода шаванд ва дар такмили раванди қонунгузории дохилидавлатӣ ва фаъолияти ҳуқуқии давлат истифода гарданд. Натиҷаҳо ва хулосаҳои илмии дар

рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада нишон медиҳанд, ки онҳо воқеан камбудиҳои дар ин соҳа дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ мавҷудбударо пур менамоянд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз асоснок кардани пешниҳодҳои илмӣ-амалӣ аз ҷониби муаллиф оид ба такмили равобити ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмӣлалӣ иборат мебошад. Муқаррарот ва хулосаҳои диссертатсияро пеш аз ҳама, дар фаъолияти амалии мақомоти ҳокимияти давлатӣ (Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон), мақомоти судӣ, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар раванди амалигардонии ҳуқуқи байналмилалӣ дар муносибатҳои дохилидавлатӣ аз ҷониби онҳо, ки метавонанд ба такмили шаклу методҳои фаъолияти онҳо мусоидат намоянд, дар раванди таълим ҳангоми омӯзиши назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи байналмилалӣ, курсҳои махсус ва дигар фанҳои соҳавии ҳуқуқи байналмилалӣ, дар кори илмӣ-таҳқиқотӣ зимни таҳияи масоили равобити ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ ва ғайра истифода бурдан мумкин аст.

Маводи диссертатсия ҳангоми таълими фанҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, курсҳои махсус ва диссертатсияҳо метавонад ба таври васеъ мавриди истифода қарор гиранд, ки ҷанбаҳои мусбати кори Ш.М. Ҳасанзодаро нишон медиҳанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он диссертант6 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст. Зикр намудан ба маврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқот инъикоси худро ёфтаанд. Автореферат ва корҳое илмие, ки дар мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ рӯйи чоп омадаанд, мазмуну моҳияти рисолаи илмиро ба таври зарурӣ инъикос менамоянд.

**Норасоии таҳқиқот.** Дар диссертатсия дар баробари муваффақиятҳо, инчунин баъзе норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки онҳоро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

1. Муаллиф дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз сарчашмаҳои мухталиф истифода намуда, мазмун ва моҳияти рисоларо кушода

додааст. Аммо, истифода аз адабиёти илмии ватанӣ кам ба назар мерасад.

2. Дар муқаррароти якуми нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки барои дифоъ пешниҳод шудааст, диссертант қайд мекунад, ки дар таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқии кишвар аломатҳои ҳам консепсияи монистӣ ва ҳам дуалистиро дидан мумкин аст. Ҳама унсурҳои ҳарду консепсияҳо дар дебоча ва мазмуни моддаҳои дахлдори Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории амалкунандаи кишвар мушоҳида кардан мумкин аст (с. 12). Вале, муҳаққиқ онро ба таври возеҳ маънидод накардааст. Аз ин рӯ, мехостем шарҳи муаллифро дар бораи ин изҳорот дар ҷараёни дифои рисола бишнавем.

3. Мавқеи диссертант оид ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ наметавонанд субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ бошанд. Аммо, бояд зикр кард, ки онҳо метавонанд мустақилона дар муносибатҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ иштирок намуда, танҳо ба сифати субъекти муносибатҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ баромад кунанд (с. 61) баҳснок мебошад. Савол ба миён меояд, ки тибқи мавқеи пешниҳодшуда, шахсони воқеӣ, агар субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ баромад накунанд, чӣ гуна онҳо метавонад дар муносибатҳои ҳуқуқи байналмилалӣ иштирок менамоянд?

4. Дар диссертатсия қайд карда шудааст, ки нодурустии татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳамчунин бо сабаби мавҷуд будани норасоӣ дар худи санади байналмилалӣ ба вуқуъ пайвастанаш мумкин аст. Зеро ҳуқуқи байналмилалӣ низ аз норасиҳо холӣ намебошад (с. 115). Вобаста ба ин, мехостем таклифу пешниҳодҳои диссертантро оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бишнавем.

Аммо, норасоиҳои мазкур ба илмияти диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд. Зеро, он мақсаду вазифаҳое, ки муаллиф дар доираи объект ва предмети таҳқиқот дар назди худ гузоштааст, пурра иҷро гардидаанд.

**Мутобиқати ба расмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Ҳасанзода Шаҳноза Музафар ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар

конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Аз омӯзиши матни диссертатсия ва автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки таҳқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос ҷавобгӯ мебошад. Зеро, натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ, махсусан илми назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи байналмилалӣ мусоидат карда метавонанд. Дар маҷмуъ, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои рушди қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроияи соҳавӣ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Дар умум, Ҳасанзода Шаҳноза Музафар барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) сазовор мебошад.

Бояд иброз намуд, ки тақризи мазкур бо дарназардошти банди 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**Муқарризи расмӣ:**
декани факултети ҳуқуқшиносии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент *Сафарзода Н.Ф.*

Имзои Н.Ф. Сафарзодаро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Насурдинзода А.Н.

«4» 09 2025 с.

**Суроғаи муқарриз:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33; **Тел.:** (+992) 939259828
**E-mail:** nekruz-0101@mail.ru